# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6Д.КОА-077 назди Академияи таҳсилот ба диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, тарихи педагогика ва таҳсилот

1. **Муҳимият ва мубрамии** мавзуи Риоев Акобир Мирзоевич бе шакку шубҳа аз ҷиҳати таълими меҳнат дар муассисаҳои миёнаи умумӣ аҳамияти миллию педагогӣ дорад. То имрӯз системаи анъанавии таълими меҳнат унсурҳои назариявӣ ва амалиро ба таври инноватсионӣ ба ҳам намепайвандад. Омӯзиши самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ, аз ҷумла ИКТ, технологияҳои рақамӣ, муҳити интерактивӣ — мумкинот ва имконятҳои устодонро барои тақвияти раванди таълим ва пухтатар кардани малакаҳои техникӣ ва эҷодӣ дар кӯдакон тавсеа медиҳад . Такмили таълим дар заминаи педагогикаи муосир заминаи рушди шахсият ва қобилияти касбӣ-ижтимоии хонандагонро боло мебарад.

Истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба бартараф кардани норасоиҳо дар дониш ва малакаҳои хонандагон равона карда шуда, барои ноил гардидан ба ҳадди ақали нишондиҳандаҳои қобили қабул мебошад. Технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) вобаста ба қобилияти зеҳнии хонандагон, маҳорат ва сатҳи тайёрии онҳо вазифаи доимии педагогика мебошад.

Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – "Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот" (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад:

*банди 1* – "Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ" (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ),

–*банди 3* – Антропологияи педагогӣ (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот);

–*банди 4* – Назария ва консепсияи таълим (навъҳо ва амсилаҳои таълим,

ҳудудҳои истифодаи онҳо, технологияҳои таълим, консепсияҳои таҳияи таъминоти таълимию методии раванди таълим ва воситаҳои таълим);

– *банди 6* – Консепсияҳои таҳсилот (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим, равандҳои инноватсионӣ дар таълим, таҳсилоти замонавӣ ва иловагӣ) мутобиқат дорад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 27 номгӯйи мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 6 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бо мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи мукаммали тадқиқ, мутобиқии мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунад, алоқамандии назария бо амалияи кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ, бо таҷрибаи педагогии муаллиф ҳангоми тадриси фанҳои ба раванди коркарди маълумот нигаронида; бо иштироки муаллиф дар чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шуданд. Боиси қайд ат, ки дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумоти дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада, таъмин мегардад.

Эътибornокии хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада, инчунин, бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълим, бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқиқот таъмин карда шудаанд.

6. Диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевич дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. –

Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Исломов Озод Азимович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», Норов Фирдавс Фарҳодович – номзади илмҳои педагогӣ муаллими калони кафедраи дизайни либос ва санъати муди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевичро дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**КАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Риоев Акобир Мирзоевичро дар мавзуи «Самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи эксперта муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Исломов Озод Азимович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи они Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;

- Норов Фирдавс Фарҳодович – номзади илмҳои педагогӣ муаллими калони кафедраи дизайни либос ва санъати муди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Лутфуллозода М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Каримова И.Х.

номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

" 6 " августи соли 2025.

*"Имзои Лутфуллозода, И. Каримова ва Б.Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова*